ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ *

70 СОЛ

Мухтарам Муҳаммадюсуф Сайдалӣ.

Бо камоли эҳтиром Шумо ва тамоми устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба муносибати таҷлили 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии таъсиси факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ самимона табрик намуда, бароятон саодати рӯзгор ва комёбиҳои нави илмию эҷодиро таманно дорам.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ яке аз арзишмандтарин дастоварди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб ёфта, он бо дарназардошти ба эътибор гирифтани арзишу ченакҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату анъанаҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст.

Хурсандибахш аст, ки дар рӯзҳои таҷлили Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон ҷашни 70-солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ рост омадааст. Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази асосии омода кардани кадрҳои лаёқатманди ҳуқуқшинос ба ҳисоб рафта, дастпарварони он бо дарки масъулияти баланд ва ифтихори ватандорӣ такя ба сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намуда, ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз сарбаландона ва садоқатмандона фаъолият карда истодаанд. Имрӯзҳо бо ифтихор метавон саҳми калони дастпарварон ва хатмкардагони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳро дар ҷодаи таъмини қонуният, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ, қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба ченаку арзишҳои байналмилалӣ ва манфиатҳои миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қайд намуд. Аз ҷумла, дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун вакилони мардумӣ ба ҳайси раисони кумитаҳо ва дар дигар вазифаҳои масъул кору фаъолият карда истодаанд, ки кулли онҳо чеҳраҳои шинохта, олимони забардаст, докторони илм, профессорҳо ба ҳисоб меравrouteанд.

Дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахш бори дигар Шумо ва тамоми устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва алоқамандони касби ҳуқуқшиносиро ба ифтихори таҷлили ин ҷашнҳои фархунда шодбош гуфта, бароятон дар самти таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ ва ҳаёти ҳуқуқии кишвар нерую матонати афзунро таманно дорам.

Бо эҳтиром,
Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зуҳуров Шукурҷон